**ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ «ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИББИИ ТОҶИКИСТОН ба номи АБУАЛӢ ИБНИ СИНО»**

# НИЗОМНОМАИ ХОБГОҲИ ДОНИШҶӮЁН

**ДУШАНБЕ – 2024**

**ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ «ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИББИИ ТОҶИКИСТОН ба номи АБУАЛӢ ИБНИ СИНО»**

**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
**Раиси Шӯрои олимони МДТ**
**«ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино»**
**д.и.т., профессор**
**М.Қ. Гулзода**_________________

**«25» ___04___ с. 2024 №9**

# НИЗОМНОМАИ
# ХОБГОҲИ ДОНИШҶӮЁН

**ДУШАНБЕ – 2024**

# Мундариҷа

1. Муқаррароти умумӣ.............................................4
2. Вазифа ва уҳдадориҳои мудири хобгоҳ ...................................5
3. Вазифа ва уҳдадориҳои истиқоматкунандагони хобгоҳ.........7
4. Қоидаҳои низоми дохили дар хобгоҳ.........................................8
5. Ба истиқоматкунандагони хобгоҳ қатъиян манъ аст................9
6. Пешбинии чораҳо нисбати қоидавайронкуниҳо......................10
7. Тартибу вориди тағиру иловаҳо ба низомнома
ва қатъи фаъолияти он.............................................................11
8. Феҳрести ҳуҷҷатҳои хобгоҳ...........................................................11
9. Варақаи мувофиқа намудан ..................................13
10. Варақаи бақайдгирии тағйирот .............................................14
11. Варақаи шиносоӣ ...............................................15

# НИЗОМНОМАИ

**хобгоҳи донишҷӯёни Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино».**

## 1. МУҚАРРОРОТИ УМУМӢ

1. «Низомнома»-и Хобгоҳи донишҷӯёни МДТ "Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино» дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон, «Қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатии МДТ «ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино» ва «Оинннома»-и донишгоҳ тартиб дода шудааст.
2. Хобгоҳи донишҷӯёни МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино» (минбаъд хобгоҳ) воҳиди зерсохтори муассисаи таълимии мазкур буда, барои зисти муҳассилини Донишгоҳ, ки ба ҷои зист ниёз доранд пешбинӣ шудааст.
3. Ба вазифаи мудири хобгоҳи донишҷӯёни Донишгоҳ аз ҷумлаи кормандони соҳибмаълумоти ботаҷриба ва собиқаи зиёди корӣ дошта, аз ҷониби ректор ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешавад.
4. Роҳбарӣ ва назорати раванди корҳои тарбиявӣ-ташкилӣ-иҷтимоӣ, сиёсию фарҳангӣ, ҷобаҷогузорӣ ва ҳимояи ҳуқуқи маишии донишҷӯён дар хобгоҳ ба зиммаи муовини ректор оид ба ба корҳои тарбия ва фарҳанги Донишгоҳ вогузор карда мешавад.
5. Роҳбарии раванди корҳои хоҷагидорӣ оид ба таҳким ва рушди базаи моддии хобгоҳ, муҳайё сохтани шароити беҳтари зист ва ташкили хизматрасонии маишӣ-коммуналӣ барои истиқоматкунандагони хобгоҳ ба зиммаи муовини ректор оид ба хоҷагӣ ва маъмурӣ вогузор карда мешавад.
6. Масъулият ва назорати интизоми меҳнат, риояи қоидаҳои техникаи бехатарии зидди сӯхтор, истифодаи дурусти амволу таҷҳизот, дар ҳолати хуби санитарӣ нигоҳ доштани роҳравҳо ва ҳуҷраҳои хобгоҳ, ободонии хобгоҳ ва гирду атрофии он, инчунин таъмин намудани риояи қоидаҳои тартиботи дохили хобгоҳӣ ва фаъолияти корҳои

7. тарбиявӣ-ташкилӣ, сиёсию фарҳангӣ бо кормандон ва донишҷӯёни хобгоҳ ба зиммаи мудири хобгоҳ вогузор карда мешавад.

## 2. ВАЗИФА ВА УҲДАДОРИҲОИ МУДИРИ ХОБГОҲ

7. Донишҷӯёни ватанӣ ва хориҷии ба манзил эҳтиёҷмандро, ки дар Донишгоҳ ба таҳсил фаро гирифта мешаванд, дар асоси ҳуҷҷати тасдиққунандаи пас аз пардохти ҳаққи хизмати коммуналӣ, дар хобгоҳ ба ҷои зист таъмин ва дигар дастгириҳои иҷтимоӣ мерасонад;

8. Донишҷӯёнро дар хобгоҳ дар асоси ҳуҷҷати тасдиққунанда ордер ва рухсатномаи аз ҷониби муовини ректор оид ба тарбия ва фарҳанг ва Кумитаи иттифоқи касабаи донишҷӯён додашуда бо ҷойи зист таъмин менамояд;

9. Мувофиқ ба талабот ва меъёрҳои санитарӣ таҷҳизонидану нигоҳ доштани хобгоҳ ва таъмини таҷҳизотҳои зидди сӯхтор, ҷевон барои либос ва китоб, анҷоми рахти хоб ва дигар ашёву лавозимоти зарурӣ ба муовини ректор оид ба хоҷагӣ ва маъмурӣ дархост пешниҳод менамояд;

10. Интизоми қатъии меҳнатиро таъмин намуда, барои мустаҳкам кардани интизоми меҳнат чораҳои тарбиявӣ ва тарғиботӣ гузаронида, дар мавриди вайронкунандагони интизоми меҳнатӣ барои чораандешӣ ба раёсати Донишгоҳ пешниҳод менамояд;

11. Кормандон ва истиқоматкунандагони хобгоҳро аз амалҳои зӯроварии ҷисмонию равонӣ ва дигар амалҳои номатлуб ҳифз менамояд ва барои пешгирии истеъмоли нӯшокиҳои спиртӣ (мадҳушкунанда) воситаҳои нашъадор ва моддаҳои психотропӣ, маҳсулоти тамоку (аз ҷумла нос) ва маводҳои сахттаъсир корҳои таблиғотӣ мебарад.

12. Воридотро ба хобгоҳи Донишгоҳ тибқи низоми қоидаҳои зист дар хобгоҳи умумӣ ва реҷаи корӣ ба роҳ монда:

- барои дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани корҳои тарбиявӣ бо истиқоматкунандагони хобгоҳ сӯҳбату вохӯриҳо ташкил намуда,

вобаста ба имконияти падару модарон (шахсони онҳоро ивазкунанда) - онҳоро низ ҷалб менамояд;

- барои гузаронидани озмунҳо ва маҳфилҳои маърифатӣ, тарбиявӣ-ташкилӣ, адабӣ-эҷодӣ ва варзишӣ дар хобгоҳ ё саҳни он мусоидат менамояд;

- ба миллатчигӣ, маҳалгароӣ, ришвахорӣ ва хусумат роҳ надиҳанд;

- иштироки истиқоматкунандагонро ба созмонҳо ва чорабиниҳои берун аз донишгоҳӣ амалкунанда сафарбар намуда, онҳоро дар рӯҳияи ватандӯстӣ, эҳтироми падару модар, устодон, насли калонсолон, ҳамсолон риояи қонун ва эҳтиром ба ҳуқуқ, озодиҳои инсон ва шаҳрванд, расму оин, муҳити зист, рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва риояи тарзи ҳаёти солим тарғиб намояд.

- қобилияти иҷтимоӣ ва ҷисмонии истиқоматкунандагони хобгоҳро ба манфиати шахсӣ истифода набарад.

- ҳуқуқҳои истиқоматкунандагонро ҳимоя карда, қадру эътибори онҳоро паст назанад;

13. Нисбат ба донишҷӯёне, ки қоидаҳои тартиботи дохилии хобгоҳро мунтазам - халалдор менамоянд, раёсати донишгоҳ ва падару модар (шахсони ивазкунанда онҳо)-ро сари вақт бо тариқи хаттӣ ё шифоҳӣ огоҳ намояд;

14. Ҳайати кормандони хобгоҳро мувофиқи воҳидҳои кории тасдиқшуда дуруст ҷо ба ҷо менамояд;

15. Риояи қоидаҳои зист дар хобгоҳро назорат менамояд;

16. Ба муовини ректор оид ба корҳои хоҷагӣ ва маъмурӣ ва раёсати Донишгоҳ оиди бартараф кардани камбудиҳои ҷойдошта ва беҳтар намудани вазъӣ маишӣ ва санитарии хобгоҳ дархосту пешниҳодҳо ирсол намояд;

17. Низоъ ва мунокишаҳои байни истиқоматкунандагони хобгоҳ ва коркунони хизматии он ба амал омадаро ҳал менамояд ва ҷиҳати ҳаллу фасли масъалаҳои дахлдор бо намояндагони ташкилотҳои

ҷамъиятии донишгоҳ ва намояндагони муовинати тарбия ва фарҳанг дар ҳамбастагӣ фаъолият менамояд;

18. Ба фаъолияти худидоракунии донишҷӯён (Шӯрои донишҷӯён) дар хобгоҳ ҳамаҷониба кумак расонад ва тамоми шароити мусоидро фароҳам месозад.

## 2. ВАЗИФА ВА УҲДАДОРИҲОИ ИСТИҚОМАТКУНАНДАГОНИ ХОБГОҲ

19. Донишҷӯёне, ки дар хобгоҳ истиқомат мекунанд ҳуқуқ доранд:

20. Аз таҷҳизотҳо, ҳуҷраҳои маишӣ, шароитҳои коммуналӣ-маишӣ, китобхона, толорҳои хониши хобгоҳ истифода баранд;

21. Барои иваз намудани таҷҳизоти корношоям ва беҳтар намудани шароити коммуналӣ-маишӣ ба мудири хобгоҳ дархост пешниҳод намоянд;

22. Дар интихоби аъзои Шӯрои донишҷӯён фаъолона иштирок намоянд ва аъзои Шӯрои донишҷӯён ва дигар маҳфилҳо бошанд;

23. Дар чорабиниҳои илмӣ, фарҳангӣ-фароғатӣ ва варзишӣ фаъолона иштирок намоянд;

24. Дар муҳокимаи масъалаҳои марбут ба ахлоқу риояи тартиботи қоидаҳои дохилихобгоҳӣ иштирок намуда, пешниҳодҳои худро баён созанд;

25. Донишҷӯёне, ки дар хобгоҳ истиқомат мекунанд вазифадоранд, ки дар чорабиниҳои умумихобгоҳӣ оид ба иштирок дар шанбегиҳо-кабудизоркунӣ ва корҳои ободонии хобгоҳ ва гирду атроф, майдончаи варзишӣ ва дигар корҳои ҷамъиятӣ фаъолона иштирок намоянд;

26. Корҳои худидоракунӣ дар хобгоҳ аз ҷониби Шӯрои донишҷӯёни хобгоҳ (мутобиқи Низомномаи Шӯрои мазкур) ташкил ва ба роҳ монда мешавад;

27. Асбобу анҷомҳои шахсии мавриди истифодаи ҳаррӯза набударо ба анҷомхонаи хобгоҳ супоранд дар ҳолати баракс барои асбобу маблағҳои гум шуда ва носупорида, маъумурияти хобгоҳ ҷавобгар намешавад;

28. Ҳангоми аз ҳуҷра баромадан, чароғ ва асбобҳои барқиро хомӯш намуда, дару тирезаҳоро маҳкам карда, калидро ба дарбон супоранд;

29. Ҳангоми тарки хобгоҳ ва ё ба муддати тӯлони аз хобгоҳ баромадан мудири хобгоҳ ё раиси Шӯрои донишҷӯёнро ду рӯз пеш огоҳ намоянд;

30. Қоидаҳои техникаи бехатарии зидди сӯхторро риоя намоянд ва ҳангоми сар задании сӯхтор мувофиқи талаботи он амал намоянд;

31. Дар ҳолати пеш аз муҳлати ба охир расидани истиқомат тарк кардани хобгоҳ дар давоми сол, маблағи барои истиқомат супоридаашонро талаб накунанд;

32. Дар сурати ошкор намудани қоидавайронкунӣ аз ҷониби шахсони дигар ҳатман раиси Шӯрои донишҷӯён ё мудири хобгоҳро огоҳ намоянд;

33. Маблағи муайянро дар шакли гарав, ки ба хотири нигоҳубини амволу ашёи хобгоҳ муқаррар гаштааст, сари вақт ба хазинаи Донишгоҳ супоранд;

34. Зарари ба хобгоҳ расонидашударо мувофиқи тартиби ҷоришуда, аз ҳисоби худ ҷуброн намоянд;

## 4. ҚОИДАҲОИ НИЗОМИ ДОХИЛӢ ДАР ХОБГОҲ

35. Донишҷӯёни ватанӣ ва хориҷии ба манзил эҳтиёҷманд дар асоси ҳуҷҷати тасдиққунандаи муовинати тарбия ва фарҳанги Донишгоҳ ва пас аз пардохти ҳаққи хизмати коммуналӣ дар хобгоҳ ба ҷои зист таъмин мегарданд.

36. Ҳуқуқи истиқомат дар хобгоҳ ба донишҷӯён дар муддати 1 сол дода мешавад.

37. Барои ба хобгоҳ таъмин гардидан бе ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда: ордер, рухсатнома, шиноснома, арзишнома (квитансияи)-и пардохти маблағи ҳақи зист донишҷӯ ба хобгоҳ роҳ дода намешавад.

38. Донишҷӯён пас аз ба анҷом расидани соли хониш ду ҳафта пеш ашёву амвол ва рухсатномаҳои худро ба мудири хобгоҳ супорида ва

дар оғзи соли хониши нав аз нав ба қайдгирӣ ва ба хобгоҳ таъминкунӣ аз ҷониби Кумитаи иттифоқи касбаи донишҷӯён ба роҳ монда мешавад.

39. Барои риояи тартиботи қоидаҳои дохили хобгоҳӣ, техникаи бехатарии зидди сӯхтор, самаранок ва эҳтиёткорона истифода бурдани амволу ҷиҳозҳ, дар ҳолати хуби санитарӣ нигоҳ доштани роҳравҳо ва ҳуҷраҳои хобгоҳ, иштирок дар корҳои тарбиявӣ-ташкилӣ, ободонӣ ва шанбегиҳо бо истиқоматкунандагони хобгоҳ шартнома баста мешавад.

40. Истиқоматкунандагони хобгоҳ танҳо бо ҳуҷҷати тасдиқгардидаи Кумитаи иттифоқи касабаи донишҷӯён (рухсатнома) ба хобгоҳ ворид мегарданд.

41. Шахсони бегона ва хешу табори донишҷӯён барои дидорбинӣ бе ҳуҷҷати тасдиқунанда дар хобгоҳ роҳ дода намешаванд.

42. Пас аз соати $22^{00}$ дар хобгоҳ бояд оромии мутлақ риоя карда шавад.

43. Гузаронидани ҳар гуна чорабиниҳои фарҳангӣ дар хобгоҳ мувофиқи нақшаи кори тарбиявии хобгоҳ ва Шӯрои донишҷӯён, ки бо муовинати тарбия ва фарҳанг мувофиқа карда шудааст, гузаронида мешаванд.

44. Реҷаи хобгоҳ:

-кушодашавии хобгоҳ - соати $6^{00}$

-пушидашавии хобгоҳ - соати $21^{00}$ дар фасли баҳору тобистон

-пушидашавии хобгоҳ дар фасли тирамоҳу зимистон соати $20^{00}$

-вақти хоб - аз соати $22^{00}$

## 5. БА ИСТИҚОМАТКУНАНДАГОНИ ХОБГОҲ ҚАТЪИЯН МАНЪ АСТ:

45. Амалҳои зерин дар хобгоҳ қатъиян манъ буда, барои содир кардани амалҳои номатлуб ба муҷозот пешниҳод карда мешаванд.

-бе иҷозат иваз намудани ҳуҷраи зист ва худсарона аз як ҷой ба дигар ҷой кӯчонидани асбобу таҷҳизоти хобгоҳ;

-худсарона таъмир ва иваз намудани хатҳои интиқолӣ ва таҷҳизоти барқӣ ва инчунин истифодаи тафдонҳо ва асбобҳои гармикунандаи барқӣ ва сӯзишворӣ дар хобгоҳ.

-дар роҳрав ва ҳуҷра овезон намудани ҳар гуна шиору расмҳои манъшуда;

-шӯстан ва хушк намудани либос дар ҷойҳои истифодаи умумӣ;

-ба хобгоҳ ворид, истеъмол ва нигоҳ доштани нӯшокиҳои спиртӣ ва маводҳои мадҳушкунанда ва нигоҳ доштани маводҳои тарканда ва оташангез;

-дар ҳуҷраҳо нигоҳ доштани ҳама гуна намуди ҳайвонот ва паррандагон;

-муносибати дағалона ва беҳурматона нисбати кормандон, ҳамхона, ҳамсоя ва истиқоматкунандагони дигар хобгоҳ;

-баъди соатҳои муқарраргардидаи мавсимии воридшавии бегоҳирӯзӣ ба хобгоҳ;

-шабона ба хобгоҳ ворид намудани шахсони бегона;

-дар ҷойҳои истифодаи умум мағал намудан ва истифодаи таҷизоти баландсадо (телевизор, радиоприёмник, магнитафон ва ғ.);

-аз иштирок дар чорабиниҳои ҷамъиятӣ саркашӣ намудан;

46. Ҳангоми соҳиби манзил шудан дар хобгоҳ ҳамаи талаботҳои дар боло зикршударо сари вақт иҷро намоянд.

## 6. ПЕШБИНИИ ЧОРАҲО НИСБАТИ ҚОИДАВАЙРОНКУНИҲО

47. Донишгоҳ барои вайрон кардани қоидаҳои тартиботи дохилихобгоҳӣ ва иҷро накардани вазифа ва уҳдадориҳои тибқи низомнома оварда шуда, вобаста ба хусусият ва сатҳи

қоидавайронкунӣ муҷозоти зеринро таъйин мекунад: **сарзаниш, танбеҳ,** аз донишгоҳ ё хобгоҳ **хориҷ кардан.**

48. Дар сурати расонидани зарари моддӣ ба таҷҳизоту асбобу ашёҳои хобгоҳ истиқоматкунанда, ухдадор аст, зарари расонидашударо пурра аз ҳисоби худ ҷуброн намояд.

49 Донишҷӯёне, ки аз пардохти маблағи ҳаққи зист ва гарав қарздоранд аз ҳуқуқи истифодаи хобгоҳ маҳкум карда мешаванд.

50. Донишҷӯёне, ки амволу ашёи хобгоҳро медузданд ва дар ҳолати корношоями қарор медиҳанд, маблағи ҳақи гарав супоридаи онҳо барои барқарор кардани ашёву амвол истифода карда мешавад.

51. Донишҷӯёне, ки дар хобгоҳ сабагори ҷангу ҷидол мешаванд ва байни якдигар низоъ бармеангезанд, то анҷоми соли таҳсил аз ҳуқуқи зист дар хобгоҳ маҳрум карда мешаванд.

## 7.ТАРТИБУ ВОРИДИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА НИЗОМНОМА ВА ҚАТЪИ ФАЪОЛИЯТИ ОН

52. «Низомнома»-и Хобгоҳи МДТ «ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино» дар Шӯрои олимони Донишгоҳ тасдиқ гардида, мавқеи ҳуқуқи пайдо мекунад.

53. Тағйиру иловаҳо ба Низомномаи мазкур аз тарафи Шӯрои олимони МДТ «ДДТТ ба номи Абуалӣ ибни Сино» ворид карда мешавад.

## ФЕҲРИСТИ ҲУҶҶАТҲОИ ХОБГОҲ

54. Қарорҳои Ҳукумати ҶТ, Фармон ва дастуру супоришҳои Вазорати маориф ва илми ҶТ;

55. Фармонҳо ва дастуру супоришҳои ректор;

56. Қарори Шӯрои олимони донишгоҳ, иҷроиши қаорорҳои Шӯрои олимон оид ба самтҳои фаъолияти хобгоҳҳо;

57. Низомномаи хобгоҳ;

58. Нақшаи корӣ ва ҳисоботҳо;

59. Ҷадвали навбатдории омӯзгорон;

60. Хуҷҷатҳои ҳайати кори кормандони хобгоҳ;

61. Низомномаи Шӯрои донишҷӯён;

62. Рӯйхати аъзо, нақшаи корӣ, ахборот ва протоколҳои ҷаласаи Шӯрои донишҷӯёни хобгоҳ;

63. Нақшаи чорабиниҳои тарбиявӣ, гузориш, маълумотнома ва суратҷаласаи чорабиниҳои тарбиявӣ;

64. Воридотӣ (дафтари қайд);

65. Содиротӣ (дафтари қайд);

66. Китоби қайди ташрифи аъзои раёсат, омӯзгорони навбатдор ва ташрифкунандагон;

67. Китоби дархосту шикоятҳо ва пешниҳодҳо;

68. Китоби қайди рӯйхати истиқоматкунандагон-донишҷӯёни ҳузурнадошта;

69. Китоби қайди волидон ва меҳмонон.

70. Ҷадвали навбатдорони ошёнаҳо, ошхона ва толорҳои хониш аз ҳисоби донишҷӯён;

71. Китоби қайди кормандони муҳофиза;

72. Ҷадвали навбатдорони кормандони муҳофиза;

# 7. ВАРАҚАИ МУВОФИҚА

| № | Вазифа | Ному насаб | Санаи мувофиқа | Имзо |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Муовини ректор оид ба корҳои таълимию методӣ | Ибодзода С.Т. | 24.04.2024 | |
| 2 | Муовини ректор оид ба илм ва нашрия | Муҳаббатзода Ҷ.Қ. | 24.04.2024 | |
| 3 | Муовини ректор оид ба корҳои муолиҷавӣ | Қобилов Қ.К. | 24.04.2024 | |
| 4 | Муовини ректор оид ба корҳои тарбиявӣ | Қурбонбекова П.Қ. | 24.04.2024 | |
| 5 | Муовини ректор оид ба корҳои хоҷагию маъмурӣ | Хокироев Т.З. | 24.04.2024 | |
| 6 | Сардори хадамоти ректор | Носирӣ Қ.Н. | 24.04.2024 | |
| 7 | Сардори раёсати рушди кадрӣ | Сафаров Б.И. | 24.04.2024 | |
| 8 | Директори маркази рушди стратегӣ ва менеҷмент | Маҳмудзода Х.Р. | 24.04.2024 | |
| 9 | Сардони шуъбаи назорати ҳуқуқӣ | Саидзода Ҷ.З. | 24.04.2024 | |

# 8. ВАРАҚАИ ҚАЙДИ ТАҒЙИРОТҲО



| № п/п | Асос барои ворид намудани тағйирот | Рақами саҳифа | Тафсири кутоҳи тағйирот | Санаи воридкунӣ | Ному насаб ва имзои тағйирот ворид намуда |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |

# 9. ВАРАҚАИ ШИНОСОӢ

| № | Вазифа | Ному насаб | Санаи мувофиқа | Имзо |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Раиси КИКД | Сафаров Б.Б. | 24.04.2024 | [signature] |
| 2 | Муовини КИКД | Исмоили Убайдулло | 24.04.2024 | [signature] |